Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №41 (2868) | СЕШАНБЕ, 10 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Штефан Колер: «Маро сафири энергетикии Тоҷикистон дар Олмон бишумореd»

**6 апрели соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон роҳбари Раёсати Агентии энергетикии Олмон Штефан Колерро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистону Олмон дар соҳаи энергетика баррасӣ шуд.

«Мо Ҷумҳурии Федеративии Олмонро яке аз шарикони асосии худ дар Аврупо медонем», - изҳор дошт зимни сӯҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Тавре зикр гардид, ҳамшарикии Тоҷикистону Олмон, асосан дар сатҳи ҳамкорӣ бо мақсади таъмини рушди устувор сурат гирифта, соҳаи ҳаётан муҳими энергетикаро низ фаро гирифтааст.

Штефан Колер аз мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорони Олмон, ки моҳи декабри соли 2011 дар Берлин сурат гирифта буд ва он вақт ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум доир ба ҳамкории дуҷониба дар соҳаи энергетика ёдовар шуда, бори дигар таъкид намуд, ки «азми Агентии энергетикии Олмон ба густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистон устувор аст».

Штефан Колер аз ин хусус чунин изҳор дошт: «Баъди боздиди имрӯза аз Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» андешаи ман дар бораи аҳамияти бузурги Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», ки дар шароити монанд ба мавзеи Норак бунёд меёбад, боз ҳам қавӣ гардид ва ман минбаъд ширкатҳои олмониро ба иштирок дар татбиқи ин лоиҳа тарғиб хоҳам кард». Гузашта аз ин, ӯ таъкид дошт, ки «минбаъд мардуми Тоҷикистон метавонанд маро сафири энергетикии давлати худ дар Олмон бишуморанд».

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҷониби Олмон барои дастгирӣ ва мусоидат ба навсозии техникии иншооти гидроэнергетикӣ ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд дар Тоҷикистон арзи сипос намуда, изҳори боварӣ намуд, ки минбаъд чунин ҳамкорӣ тавсиа хоҳад ёфт.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба идомаи бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёнаи барқӣ, ташкили ҳамкорӣ дар самти истихроҷи нафту газ, истеҳсоли биогаз ва таҷҳизоти каммасрафи барқӣ сурат гирифт.

Таъкид гардид, ки густариши ҳамкории Тоҷикистону Олмон дар соҳаи энергетика ба нафъи ҳар ду давлат буда, ба рушди иқтисодӣ ва таҳкими амнияту суботи минтақавӣ низ мусоидат мекунад.

***www.prezident.tj***






## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**9 апрели соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро тасдиқ шуд.

Мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У.Охунов масъаларо «Оид ба лоиҳаи Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати баррасӣ ба Шӯро пешниҳод намуд. Мавсуф масъаларо тавзеҳ дода, зимни шарҳи он аз ҷумла зикр кард, ки лоиҳаи қарори мазкур ҷиҳати сари вақт ва мақсаднок ҳал намудани масъалаҳо вобаста ба муайян кардани вақти оғоз ва анҷоми ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби раисикунандаи он пешниҳод гардидааст.

Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаи номбурда қабул гардида, он барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Инчунин дар ҷаласаи навбатии Шӯро дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров зимни ҷамъбасти ҷаласаи навбатии Шӯро таваҷҷуҳи раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони дигар воҳидҳои сохтории Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба баррасии саривақтӣ ва пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳои мавҷуда ҷалб намуда, доир ба чораёни омодагӣ ҷиҳати баргузории Ҷаласаи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум ба масъулону мутасаддиён дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***



## Мулоқот бо намояндаи доимии Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон

**Бегоҳии рӯзи 6 апрели соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон намояндаи доимии Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон Ҷоҷи Токеширо ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди ҳамкории дуҷониба баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти ба поён расидани мӯҳлати фаъолияти Ҷоҷи Токеши дар Тоҷикистон, ба кори сесолаи ӯ баҳои баланд дод.

Тавре иттилоъ дода шуд, аз соли 1998 ба ин сӯ аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 860 миллион доллари амрикоӣ қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва кӯмаки техникӣ ҷудо гардидааст, ки 350 миллиони он ба се соли охир рост меояд.

Ҷоҷи Токеши, ки минбаъд намояндаи Бонки Осиёии Рушд дар Афғонистон хоҳад буд, дар навбати худ изҳор дошт, ки минбаъд низ бо Тоҷикистон ҳамкории худро идома хоҳад дод.

Тавре зикр гардид, бисёр лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавҷуданд, ки ба рушди ҳамкории минтақавии Тоҷикистону Афғонистон ва дигар кишварҳои минтақа равона гардидаанд ва Бонки Осиёии Рушд дар татбиқи онҳо иштироки фаъол хоҳад дошт.

Азми устувори Тоҷикистону Бонки Осиёии Рушд ба пайвастани шабакаҳои интиқолӣ энергетикии Тоҷикистону Афғонистон бо Туркманистону Покистон, аз ҷумла доир ба кашидани хатҳои барқу газ ва бунёди роҳҳои оҳану мошингард, таъкид гардид.

***www.prezident.tj***

## Ҳисоботи телефонии раисони як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар

**6 апрели соли 2012 ба Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон раисони шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ, Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Спитамен, Ғончӣ, Зафаробод, Истаравшан, Шаҳристон ва Панҷакент телефонӣ ҳисобот доданд.**

Таваҷҷуҳи асосӣ ба тезонидани киштукори баҳорӣ, васеъ намудани майдони боғу токзор ва омодагӣ ба пешгирӣ аз офатҳои табиӣ зоҳир гардид.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони шаҳру ноҳияҳои мазкур доир ба расонидани кӯмак ба деҳқонону боғпарварон, аз ҷумла таъмини онҳо бо техникаи кишоварзӣ, тухмиҳои хушсифат ва нуриҳои минералӣ супоришҳои мушаххас дода, таъкид намуд, ки барои пурсамар истифода бурдани ҳар ваҷаб замини корам тадбирҳои саривақтӣ андешанд.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки кори ситодҳои доимоамалкунандаи ҳолатҳои фавқулодда таҳти назорати ҳамешагӣ қарор дошта бошанд, то ки дар ҳолатҳои зарурӣ ба бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ фавран сафарбар шаванд.

**Субҳи рӯзи 7 апрели соли 2012 ба Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон раисони шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Қайроққум, Чкалов, Табошар, Ҷаббор Расулов, Ҷиргатол, Тавилдара, Тоҷикобод, Рашт, Нуробод ва Норак телефонӣ ҳисобот доданд.**

Зимни ҳисоботи раисони шаҳрҳои Хуҷанд, Қайроққум, Чкалов, Табошар ва Норак таваҷҷуҳи асосӣ ба иҷрои буҷети давлатӣ дар семоҳаи аввали соли равон, таъмини фаъолияти шабонарӯзии корхонаҳои саноатӣ, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва муҳайёсозии ҷойҳои иловагии корӣ, вусъати ободонию созандагӣ, тармиму навсозии роҳҳои мошингард ва беҳсозии хизматрасонӣ ба мардум зоҳир гардид.

Раисони ноҳияҳои Ҷаббор Расулов, Ҷиргатол, Тавилдара, Тоҷикобод, Рашт ва Нуробод бештар доир ба суръат бахшидан ба киштукори баҳорӣ, бунёди боғҳои наву навсозии боғҳои кӯҳна ва рушди бахши картошкапарварӣ ҳисобот доданд.

Тибқи супоришҳое, ки ба раисони ноҳияҳои Ҷиргатол, Тавилдара, Тоҷикобод, Рашт ва Нуробод дода шуд, имсол дар ин ноҳияҳо майдони кишти картошка бояд ду ҳазор гектар зиёд карда шавад ва ин имкон медиҳад, ки иловатан чор ҳазор нафар бо кор таъмин гарданд.

Тибқи дастуру талаботи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон истеҳсоли картошка имсол дар Тоҷикистон бояд ба зиёда аз як миллион тонна расонда шавад.

Ба раисони шаҳру ноҳияҳои кӯҳистон, ҳамчунин доир ба пешгирӣ аз хатари обхезӣ, ярчу тарма ва дигар офатҳои табиӣ, низ супоришҳои мушаххас дода шуд.

***www.prezident.tj***

● Муҳокимаи парлумонӣ

## Вакилони Маҷлиси намояндагон ба ояндаи ҷавонон бетараф нестанд

**6 апрели соли 2012 таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012» баргузор гардид.**



Дар муҳокимаи ошкорои парламентӣ роҳбарони вазорату идораҳои марбута, кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мутобиқи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли равон ба муҳокимаи ошкорои парламентӣ як масъала - «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012» пешниҳод гардид. Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаро бо дарбаргирии масъалаи мазкур тасдиқ намуданд.

Дар оғози муҳокимаи ошкорои парламентӣ раисикунанда **- муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд ШАБОЗОВ** суханронӣ кард.

**-Вакилони мӯҳтарам ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20 апрели соли 2011) чунин таъкид гардидааст: «Нақш ва иштироки ҷавонон дар сиёсат, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳанг назаррас мебошад. Ҷавонон бояд хуб дарк намоянд, ки тақдири ояндаи халқу Ватан ба дӯши онҳо гузошта шудааст.».

Зарурати ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва таърихи эътирофи он ҳамчун амри тақдир ва тақозои замон ба шумор рафта, муҳимтарин хусусияти он аз нигоҳи сиёсиву иҷтимоӣ дар баробари арзишҳои дигар дар радифи аввал қарор додани захираи инсонии кишвар аст.

Дар мамлакате, ки аз назари демографӣ пайваста дар ҳоли рушду тавсеа аст ва беш аз 70 фоизи аҳолии онро насли ҷавон ташкил медиҳад, таҳияву татбиқи ин сиёсат аҳамияти бузург дорад.

Ба сиёсати ҷавонон ҳамчун бахши стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар тамоми давраҳои инкишофи ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешуд.

Тадбирҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди ин сиёсат ҷавононро ба раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд беш аз пеш пайваста, дар ташаккули мукаммали шахсияти онҳо нақши умдаву муассир мебозад.

Яке аз тадбирҳои муҳим дар соҳаи мазкур қабул ва татбиқи Барномаи давлатӣ, яъне Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 мебошад.

Барномаи мазкур самтҳои муҳими сиёсати давлатии ҷавононро, аз қабили ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷавонон, ташаббуси ҷавонон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, шуғл, мустақилияти иқтисодии ҷавонон ва рушди соҳибкорӣ дар байни онҳо, таҳсил, такмили ихтисос, тайёр намудани кадрҳо, дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва дигар масъалаҳои муҳимро дар бар мегирад.

Зимнан, иштироки фаъолонаи ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ба раванди рушду пешрафти минбаъдаи ҳар давлат нақши ҳалкунанда мебозад. Аз ин рӯ, зарурати дар байни ҷавонон ба вуҷуд омадани ҳаракати муташаккилонае, ки ба идеологияи солим нигаронида шудааст, эҳсос ва амалӣ намудани он талаботи замон мебошад.

Дарвоқеъ, имрӯз ҷавонони кишвар дар давраe ҳаёт ба сар мебаранд, ки дар баробари фароҳам будани шароити мусоид ҷиҳати худтакмилдиҳӣ ва инкишоф, мушкилоти зиёд садди роҳи зиндагии онҳо гардидааст, ки қабули барномаи мазкур маҳз ба бартараф намудани ин мушкилиҳо нигаронида шудааст.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, дар муҳокимаи ошкорои парламентӣ ҷиҳатҳои гуногуни масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Боварӣ дорем, ки иштироки фаъолона ва мавқеи муайяни шумо дар ҳалли мушкилоти соҳа ба сифат ва самаранокии амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон таъсири мусбӣ расонида метавонад.

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони мӯҳтарам!**

Ҳоло сухан барои гузориш ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна дода мешавад.

**Марҳабо ҶАББОРОВА: -Мӯҳтарам Раис, вакилони гиромӣ!**



Таъмини рушди бемайлони ҷомеа, таҳкими заминаҳои бунёди давлати иҷтимоӣ ва ба ин восита барои ҳар як инсон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона аз бисёр ҷиҳат ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон вобастагӣ дорад. Бо назардошти талаботи замон бояд нақш ва иштироки ҷавонон дар сиёсат, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ беш аз пеш назаррас гардида, онҳо ба қувваи асосии фаъолу пешбарандаи ҷомеа табдил ёбанд.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Сарварони Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба ҳамдигар барқияи табрикӣ ирсол намуданд

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он чунин омадааст:**

«Дмитрий Анатолевичи арҷманд!

Ба ифтихори бистумин солгарди барқароршавии муносибатҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия табрикоти самимӣ ва орзуҳои беҳтаринамро ба Шумо ирсол медорам.

Мо дар Тоҷикистон муносибатҳои дӯстии зич ва ҳамкории бисёрҷониба бо Федератсияи Россия - шарики стратегиамонро қадр мекунем. Ин муносибатҳо дар авлавиятҳои сиёсати хориҷии давлати мо мақоми хоса доранд.

Хурсандибахш аст, ки тайи ду даҳсолаи гузашта ҳамкории байни кишварҳоямон суръати рушди мусбӣ дошта ва он пайваста бо рушду густариши хушсифат дар ҳамаи мавқеъҳои асосии ҳамкорӣ, ҳам дар асоси дуҷониба ва ҳам дар асоси бисёрҷониба сурат мегирифт.

Имрӯз муносибатҳои Тоҷикистону Россия аслан ҳамаи соҳаҳои ҳаётро фаро мегиранд, ки манфиатҳояшон дар онҳо мушобеҳи якдигар буда ва омили муҳими сулҳу суботи минтақа мебошанд.

Муносибатҳои имрӯзаи мамлакатҳои мо, ки дар принсипҳои баробарӣ, эҳтироми якдигар, ба назар гирифтани манфиатҳои якдигар, ёрии ҳамдигарӣ ва дастгирии якдигар қарор дошта, хусусияти дарозмуддат доранд, дар қиёси сиёсӣ, дар бахши иқтисодиёт, амният, дар соҳаи гуманитарӣ ва аз рӯйи бисёр самтҳои дигари равобити амалӣ муттасил рушду густариш меёбанд.

Бистсолагии барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ санаи фархундаи таърихи навтарини муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мебошад. Вай дар айни ҳол сабабе барои дарк намудани дурнамои ҳамкории мутақобилан муфиди мо ва роҳҳои пешравии минбаъдаи он мегардад.

Марому манфиати самимонаамонро дар амри бо мазмуни нав пурра гардонидани ҳамаи ҷиҳатҳои ҳамкории ду кишвар тасдиқ намуда, изҳори боварӣ мекунам, ки мо бо неруи мавҷудаи муносибатҳои Тоҷикистону Россия такя намуда, бо саъю кӯшишҳои муштарак ба қуллаҳои нави рушди он ба нафъи халқҳоямон мерасем.

Ба Шумо, мӯҳтарам Дмитрий Анатолевич, аз самими қалб тансиҳатии бардавом ва натиҷаҳои нави самарабахш дар фаъолияти минбаъдаатон ва ба ҳамаи халқи Россияи дӯст сулҳ ва беҳбудию шукуфоиро таманно дорам».

**6 апрели соли 2012 Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев унвонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла, чунин омадааст:**

«Мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович!

Ба муносибати 20 - солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатии байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон табрикоти самимонаро қабул фармоед.

Тайи солҳои гузашта бо саъю кӯшишҳои якҷоя ба мо муяссар гардид, ки ҳамкории дуҷонибаро, ки дар анъанаҳои бисёрсолаи дӯстӣ қарор дорад, ба сатҳи сифатан нав бардорем. Россия ва Тоҷикистон муколамаи сиёсӣ ва робитаҳои тиҷоратиро пайваста таҳким бахшида, ҳамоҳангсозиро дар масъалаҳои муқобилат ба хавфу таҳдидҳои нав роҳандозӣ менамоянд.

Аминам, ки ривоҷи минбаъдаи ҳамкорӣ дар умури байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла дар ҳошияи иттиҳодияҳои ҳамгирой ҷавобгӯи манфиатҳои кишвару халқҳоямон буда, ба кори сулҳу амнияти Осиёи Марказӣ хидмат менамояд.

Ба Шумо, тансиҳатии бардавому комёбиҳо ва ба халқи дӯсти Тоҷикистон беҳбудию шукуфоӣ орзу дорам».

*www.prezident.tj*

# Президенти Тоҷикистон ва Шоҳи Малайзия ҳамдигарро табрик карданд

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Шоҳи Малайзия Алмуътасим Биллоҳи Муҳиббудин Туанку Алхоҷа Абдул Ҳалим Муаззам Шоҳ ибни Алмарҳум Султон Бадлишоҳи XIV барқияи шодбошӣ ирсол кард, ки дар он аз ҷумла гуфта мешавад:**

«Аълоҳазрат!

Бо камоли мамнуният Шуморо ба муносибати фаророрасии бистсолагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Малайзия табрику таҳният мегӯям.

Кишварҳои мо барои тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои судманди худ имрӯз имкониятҳои хеле ҳам зиёд доранд ва истифодаи ҳар чӣ пурраи онҳо ба нафъи манфиатҳои халқҳои ба ҳам дӯсти Тоҷикистону Малайзия хоҳад буд.

Мо ба ояндаи дурахшони муносибатҳои бисёрҷанбаи байни кишварҳоямон итминон дорем ва ҳамеша омодаем, ки дар ҳамаи сатҳҳо бахри рушди минбаъдаи онҳо саъю талошҳои зарурӣ намоем.

Бо истифода аз фурсат ба аълоҳазрат сиҳатии комилу пирӯзиҳои навин ва ба мардуми дӯсти Малайзия саодату хушрӯзӣ ва пешрафту шукуфоӣ хоҳонам».

**6 апрели соли 2012 Шоҳи Малайзия Алмуътасим Биллоҳи Муҳиббудин Туанку Алхоҷа Абдул Ҳалим Муаззам Шоҳ ибни Алмарҳум Султон Бадлишоҳи XIV ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла, чунин омадааст:**

«Ҷаноби Олӣ!

Ба муносибати воқеаи фархундаи 20 – солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатии байни Малайзия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба 20 марти соли 2012 рост меояд, Ража Пермайсури Агонг (маликаи Малайзия) ба табрикоту орзуҳоям нисбат ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, нисбат ба Ҳукумат ва халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ мешавад.

Мутмаинам, ки муносибатҳои дӯстонаи байни ду кишварҳоямон минбаъд ҳам мустаҳкам мегарданд.

Орзуҳои беҳтарини моро, Ҷаноби Олӣ, дар мавриди тансиҳатӣ ва беҳбудии Шумо, ҳамчунин сулҳу шукуфоии Ҳукумату халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул фармоед.».

*www.prezident.tj*

# Таъиноти кадрӣ

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 9 апрели соли 2012 як гурӯҳ кадрҳои ба вазифаҳои баланд дар мақомоти прокуратура ва корҳои дохилӣ пешниҳодшударо барои сӯҳбат ба ҳузур пазируфт.**

Дар мувофиқа бо Сарвари давлат ба вазифаи прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қулмаҳмад Арбобов таъин гардид. Араб Сидиқов муовини аввали прокурори вилояти Суғд ва Амонҷон Рафиев муовини прокурори ҳамин вилоят таъин шуданд. Прокурорҳои ноҳияҳои Шуғнон, Ванҷ, Фархор, Шоҳмансури шаҳри Душанбе, сардори Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғон ва ҷавонони Вазорати корҳои дохилӣ, сардори Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Темурмалик ва командири яке аз қисмҳои ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ иваз шуданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни сӯҳбат онҳоро ба мубориза шадид бо ҷинояту ҷинояткорӣ, хусусан ҷиноятҳои коррупсионӣ ва марбут бо маводи мухаддир, таъмини амнияту суботи ҷомеа ва баланд бардоштани донишу малакаи касбии кормандон ҳидоят намуд. Бо изҳори нигаронӣ аз афзоиши қонуншиканӣ ва ҷинояткорӣ дар миёни ҷавонону ноболиғон дар назди масъулин вазифаҳои мушаххас гузошта шуд.

Аз роҳбарияти Прокуратураи генералӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ талаб карда шуд, ки ба тарбияи хуби мутахассисони ҷавон, ҷобаҷогузории кадрҳо, арзу шикояти мардум ва таъмини волоияти қонун таваҷҷуҳи доимӣ дошта бошанд.

*www.prezident.tj*

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи сарфароз гардонидани Давлатов М.С. бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Барои иштироки пурсамар дар фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон собиқ раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Давлатов Матлубхон Султонович бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №270**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи сарфароз гардонидани Саидов Н.С. бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Барои иштироки пурсамар дар фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон собиқ раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Саидов Нуриддин Саидович бо «Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №271**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2011 қабул гардидааст, баррасӣ намуда, **муайян кард:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо камбудиҳои зерин қабул гардидааст:

1. Муқаррароти қисми 17 моддаи 1 Қонуни мазкур бобати хориҷ намудани бандҳои 5 ва 9 қисми 5 моддаи 131 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кодекс) хилофи талаботи моддаҳои 33-36, 149 ва 314 Кодекс, қисми 1 моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ» мебошад.

2. Муқаррароти қисми 26 моддаи 1 Қонуни мазкур, ки дар қисми 2 моддаи 264 Кодекс иваз намудани калимаи «гумрукӣ» ба калимаи «иқтисодӣ»-ро пешбинӣ намудааст, хилофи талаботи қисми 1 моддаи 31 ва қисми 2 моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад.

3. Тибқи муқаррароти қисмҳои 37 ва 57 моддаи 1 Қонуни мазкур дар қисми 2 моддаи 285 ва дар қисмҳои 1, 2, 3 моддаи 492 Кодекс калимаи «фармон» ба калимаи «фармоиш» иваз карда шуда, он дар моддаи 284 ва қисмҳои 3 ва 5 моддаи 285 иваз карда нашудааст, ки хилофи талаботи моддаҳои 7 ва 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад.

4. Мутобиқи қисмҳои 49 ва 52 моддаи 1 Қонуни мазкур, моддаи 417 дар таҳрири нав ва моддаи нави $441^1$ ба Кодекс илова карда шудааст, ки дар онҳо ҷой доштани ибораҳои гуногуни ҳаммаъно («воҳидҳои мустақили шахси ҳуқуқӣ»), («воҳидҳои сохтории мустақили шахси ҳуқуқӣ»), («ҷузъу томи сохтории мустақили шахси ҳуқуқӣ»), «соҳибҳуқуқ», «соҳибмулк» ва «ҳуқуқи муаллиф ва муштарак» хилофи талаботи қисми 2 моддаи 10 Кодекс, моддаи 56 Кодекси гражданӣ, моддаҳои 1 ва 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», инчунин қисми 4 моддаи 39 ва моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад.

5. Мувофиқи қисми 50 моддаи 1 Қонуни мазкур, дар қисми 8 моддаи 418 Кодекс ибораи «қисми 8 моддаи 417» ба ибораи «қисмҳои 10 ва 11 моддаи 417» иваз карда шудааст, ки хилофи муқаррароти сархати якуми қисми 2 моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад.

Асосҳои зикргардидаро ба инобат гирифта, мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда нашавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №285**

# ҚАРОРИ
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани номи шаҳр, шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Суғд**

Пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаҳои Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак ва деҳот» таҳти № 657 аз 30 декабри соли 2011 ва «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини вилоят» таҳти № 82 аз 1 марти соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

**Номи шаҳраки КИМ-и шаҳри Исфара ба шаҳраки Нурафшон**

**Номи деҳотҳои зерини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров:**
деҳоти Қистақӯз ба деҳоти Хистеварз
деҳоти Қатаған ба деҳоти Зарзамин
деҳоти Уткансой ба деҳоти Чашмасор

**Номи деҳоти Овчӣ ба деҳоти Ваҳдат, деҳоти Калининобод ба Исмоили Сомонӣ ва номи деҳаҳои зерини ноҳияи Ғончӣ:**
деҳаи Кӯчкина ба деҳаи Нурободи деҳоти Муҷун
деҳаи Кенагас ба деҳаи Меҳрободи деҳоти Муҷун
деҳаи Уртакӯрғон ба деҳаи Ҳазорчашмаи деҳоти Муҷун
деҳаи Бешкал ба деҳаи Панҷбоғи деҳоти Муҷун
деҳаи Чағат ба деҳаи Гулшани деҳоти Муҷун
деҳаи Иторчӣ ба деҳаи Истиқлоли деҳоти Муҷун
деҳаи Анбаргаз ба деҳаи Анбарини деҳоти Муҷун
деҳаи Манғит ба деҳаи Зароби деҳоти Муҷун
деҳаи Янгиарики Поён ба деҳаи Зарнисори деҳоти Ғазантарак
деҳаи Қаробӯин ба деҳаи Гулободи деҳоти Ғазантарак
деҳаи Янгиарики Боло ба деҳаи Дархони деҳоти Калининобод
деҳаи Дам ба деҳаи Бахти деҳоти Яхтан
деҳаи Хуштоири Ҷар ба деҳаи Хоҷа Тоҳири деҳоти Яхтан
деҳаи Ҷари Ғуломкуш ба деҳаи Боғистони деҳоти Яхтан
деҳаи Қизилӣ ба деҳаи Лолазори деҳоти Яхтан
деҳаи Қийғир ба Шоҳини деҳоти Яхтан
деҳаи Мӯрияк ба деҳаи Офтобрӯи деҳоти Росровут

**Номи шаҳри Табошар ба Истиқлол**

**Номи деҳотҳои зерини шаҳри Истаравшан:**
деҳоти Ленинобод ба деҳоти Чорбоғ
деҳоти Коммунизм ба деҳоти Зарҳалол
деҳоти Фрунзе ба деҳоти Сабристон

**Номи деҳаҳои зерини шаҳри Конибодом:**
деҳаи Қайроғоч ба деҳаи Ободонии деҳоти Пӯлодон
деҳаи Янгӣ-Кӯчкакӣ ба деҳаи Сомониёни деҳоти Р.Ҳамробоев
деҳаи Тағойкӯйчӣ ба деҳаи Истиқлолияти деҳоти Ғ.Ортиқов

**Номи деҳаҳои зерини шаҳри Панҷакент:**
деҳаи Ғарибак ба деҳаи Озодагони деҳоти Хурмӣ
деҳаи Каттақишлоқ ба деҳаи Хуррамободи деҳоти Хурмӣ
деҳаи Зарангбош ба деҳаи Зарфишони деҳоти Хурмӣ
деҳаи Советобод ба деҳаи Рукнободи деҳоти Ворӯ

**Номи деҳотҳои зерини ноҳияи Ашт:**
деҳоти Ҷарбулоқ ба деҳоти Ориён
деҳоти Қамишкӯрғон ба деҳоти Меҳробод

**Номи шаҳракҳо ва деҳоти зерини ноҳияи Мастчоҳ:**
шаҳраки Такалӣ ба шаҳраки Суғдиён
шаҳраки Қуруқсой ба шаҳраки Обшорон
деҳоти Авзикент ба деҳоти Навбаҳор

**Номи деҳотҳои зерини ноҳияи Спитамен:**
деҳоти Нов ба деҳоти Турсун Ӯлҷабоев
деҳоти Оқтепа ба деҳоти Истиқлол
деҳоти Куркат ба деҳоти Куруш

**Номи деҳот ва деҳаҳои зерини ноҳияи Ҷаббор Расулов:**
деҳоти Янгиҳаёт ба деҳоти Ҳаёти нав
деҳаи Қуланбош ба деҳаи Гулистони деҳоти Деҳмой
деҳаи Қазноқ ба деҳаи Заркори деҳоти Деҳмой
деҳаи Каттадам ба деҳаи Саричашмаи деҳоти Гулхона
деҳаи Кичикдам ба деҳаи Баҳори деҳоти Гулхона
деҳаи Чириқ ба деҳаи Баҳористони деҳоти Гулхона
деҳаи Қайрағоч ба деҳаи Лолазори деҳоти Гулхона

**Номи деҳаҳои зерини ноҳияи Шаҳристон:**
деҳаи Холдорқипчоқ ба деҳаи Ободии деҳоти Янгикӯрғон
деҳаи Қӯшкӯрғон ба деҳаи Суғдиёни деҳоти Янгикӯрғон
деҳаи Янгикӯрғон ба деҳаи Навкенти деҳоти Янгикӯрғон
деҳаи Қарабчӣ ба деҳаи Гулистони деҳоти Янгикӯрғон
деҳаи Тавоқбулоқ ба деҳаи Чашмаи деҳоти Янгикӯрғон
деҳаи Қулликӯтан ба деҳаи Ҳисори деҳоти Янгикӯрғон
деҳаи Бӯраген ба деҳаи Фирдавсии деҳоти Шаҳристон
деҳаи Ҷаркӯтан ба деҳаи Турсунзодаи деҳоти Шаҳристон
деҳаи Қаерма ба деҳаи Ваҳдати деҳоти Шаҳристон
деҳаи Ишқилӣ ба деҳаи Бӯстони деҳоти Шаҳристон
деҳаи Кенгкӯл ба деҳаи Истиқлоли деҳоти Шаҳристон
деҳаи Ӯрохлӣ ба деҳаи Темурмалики деҳоти Шаҳристон

тағйир дода шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №305**

# ҚАРОРИ
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Хатлон**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Хатлон» баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

**1. Номи деҳаҳои зерини ноҳияи Ёвон:**
деҳаи Бешбулоқ ба деҳаи Чашмасори деҳоти Озодӣ
деҳаи Ширинбулоқ ба деҳаи ба номи Тилло Солиҳови деҳоти Озодӣ
деҳаи Кунчӣ ба деҳаи Гулистони деҳоти ба номи Г.Юсупова
деҳаи Комсомол ба деҳаи Ваҳдати шаҳраки Ҳаёти нав
деҳаи Қуз-Қайнар ба деҳаи Оби Шифои деҳоти Норин
деҳаи Қирғинҷар ба деҳаи Оли Сомони деҳоти Оби Мукӣ

**Номи деҳоти Комсомол ба деҳоти 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон ва номи деҳаҳои зерини ноҳияи Фархор:**
деҳаи Қизилсӯ ба деҳаи ба номи Нурмат Сафарови деҳоти Ғалаба
деҳаи Қизилтеппа ба деҳаи Ваҳдати деҳоти Ғалаба
деҳаи Комсомол ба деҳаи Нури Шарқи деҳоти Комсомол
деҳаи Арабо ба деҳаи Дӯстии деҳоти Фархор
деҳаи Туғул ба деҳаи Хуррамзамини деҳоти Фархор
деҳаи Саксанохур ба деҳаи Кӯҳандиёри деҳоти Ватан
деҳаи Ҳавзако ба деҳаи Садоқати деҳоти Ватан
деҳаи Майдапатта ба деҳаи Кӯҳдомани деҳоти Ватан
деҳаи Даштак ба деҳаи Меҳровари деҳоти Ватан
деҳаи Ҷидда ба деҳаи Ҳақиқати деҳоти Ватан
деҳаи Ҷалбузӣ ба деҳаи Шӯҳратёри деҳоти Ватан
деҳаи Сомончӣ ба деҳаи Сомониёни деҳоти Зафар
деҳаи Қарахчӣ ба деҳаи Саховати деҳоти Зафар
деҳаи Олимтой ба деҳаи Истиқлоли деҳоти Зафар
деҳаи Бобосафоли Поён ба деҳаи Сайф Раҳимзоди Афардии деҳоти Деҳқонариқ
деҳаи Шӯрқул ба деҳаи Обшорони деҳоти Деҳқонариқ
деҳаи Қалъаи Пучқоқ ба деҳаи Шарафи деҳоти Дарқад
деҳаи Ҷайралӣ ба деҳаи Меҳрободи деҳоти Дарқад
деҳаи Фрунзе ба деҳаи Боҳтур Давлатови деҳоти Ғайрат
деҳаи Қизил-пахтачӣ ба деҳаи Некманзари деҳоти Ғайрат
деҳаи Карл Маркс ба деҳаи Фозилони деҳоти Ғайрат

**Номи деҳаи Қаратош ба деҳаи Дӯстии деҳоти Пулисангини шаҳри Норак**

**Номи шаҳраки Ғаравутӣ ба шаҳраки 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистони ноҳияи Ҷиликӯл**

**Номи деҳаи Сопкадил ба деҳаи Ҳамид Баротови деҳоти Пахтаободи ноҳияи Восеъ**

**Номи деҳаҳои зерини ноҳияи Бохтар:**
деҳаи Семеновод ба деҳаи Файзи Истиқлол
деҳаи Чапаев ба деҳаи ба номи Саъдии Шерозии шаҳраки Бохтариён
деҳаи 17-Партсъезд ба деҳаи ба номи Ғуломсаид Холови деҳоти Заргар
деҳаи Коминтерн ба деҳаи ба номи Ҳофизи Шерозии деҳоти Меҳнатобод
деҳаи Комсомол ба деҳаи Чорсуи деҳоти Навбаҳор
деҳаи Қизил-куч ба деҳаи Ваҳдати деҳоти Навбаҳор
деҳаи Бешкаппа ба деҳаи Саричашмаи деҳоти Навбаҳор
деҳаи Куйбишев ба деҳаи ба номи Садриддин Айнии деҳоти Навбаҳор
деҳаи Ленин ба деҳаи Истиқлоли деҳоти Навбаҳор
деҳаи 18-Годовщина ба деҳаи 20-солагии Истиқлолияти деҳоти Сарвати Истиқлол тағйир дода шаванд.

2. Пешниҳод дар қисми тағйир додани номи деҳаи Шмитди ноҳияи Бохтар, бо назардошти талаботи моддаҳои 18 ва 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои баррасии иловагӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №304**

# Қарори
## Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода Ш. О. «Оид ба ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011»-ро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки дар давраи ҳисоботӣ бахри ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баррасии муроҷиати шаҳрвандон, тафтишу таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ, назорати иҷрои қонунгузорӣ оид ба замин, андоз, пешгирӣ ва мубориза алайҳи коррупсия, қочоқи воситаҳои нашъадор, ҳифзи муҳити зист ва санитарию эпидемиологӣ, муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ ва мубориза бо омилҳои террористию экстремистӣ ва дигар самтҳо мақомоти прокуратура фаъолияти назаррасро ба сомон расонидааст.

Дар баробари ин, дар самтҳои воқеъан бартарафкунии қонунвайронкуниҳои ошкоргардида, пурзӯр намудани иҷрои қонунгузорӣ оид ба замин, алалхусус таъмини самаранокии назорати прокурорӣ доир ба амалӣ гардидани тақсимоти заминҳои бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудогардида, бақайдгирии ҷиноятҳо, бахусус, ҷиноятҳои тобеияти тафтишотии мақомоти корҳои дохилӣ, муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар, қонунгузорӣ оид ба ноболиғон ва ҷавонон, пешгирии ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо байни хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо, ошкору пешгирӣ намудани истифодаи тарзу усулҳои номатлуб дар ҷараёни тафтишу таҳқиқ, назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ вобаста ба парвандаҳои иқтисодӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва оилавӣ фаъолияти мақомоти прокуратура беҳбудиро тақозо менамояд.

Бо мақсади таъмини волоияти қонун, таҳкими назорати прокурорӣ, иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳо, бартараф намудани камбудиву норасоиҳо мутобиқи моддаи 94 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 15 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода Ш.О. «Оид ба ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011» ба инобат гирифта шавад.

2. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- барои таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, волоияти қонун, таҳкими қонуният, субот ва оромии ҷомеа, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ фаъолияташро тақвият бахшида, тадбирҳои иловагии мушаххас андешад;
- риояи қатъии қонуният ва ҳисси баланди масъулиятшиносиро дар фаъолияти кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, ҷиҳати такмили савияи дониш, малакаи корӣ ва интизоми хизматию одоби касбии кормандони соҳа тадбирҳои самарабахши иловагиро амалӣ созад ва нисбати пешгирию аз байн бурдани қонуншиканиҳою коррупсия дар кишвар чораҳои муассир андешад;
- ҳолати иҷрои талаботи қонунгузории ҷорӣ, алалхусус, дар самти ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, ҳифзи муҳити зист, санитарию эпидемиологӣ ва муҳоҷирати меҳнатиро мунтазам мавриди санҷиш қарор дода, бахри бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ҷойдошта, чораҳои таъхирнопазир андешад;
- назорати қонунгузорӣ оид ба истифодаи самаранок ва оқилонаи замин, меъморию шаҳрсозиро пурзӯр намуда, ҷиҳати тақсимоти одилонаи қитъаҳои замини барои эҳтиёҷмандон ҷудошударо баррасӣ намуда, бо таъсиси гурӯҳҳои кории муштарак аз ҳисоби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои соҳавӣ, масъалаи мазкурро мавриди санҷиш ва чораҷӯии доимӣ қарор диҳад;
- назорати риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва корҳои фаҳмондадиҳиро ҷиҳати пешгирии қонуншиканиҳо ва ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон содиршуда пурзӯр намояд;
- тафтишу таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадорро аз лаҳзаи ошкоршавӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, ҳолатҳои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дур мондани ташкилкунандагон ва иштирокчиёни ин категорияи ҷиноятҳоро пешгирӣ намояд;
- назорати риояи қатъии қонуниятро дар фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бобати пешгирии истифодаи шиканҷа ва дигар тарзу усулҳои ғайриқонунии таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо пурзӯр намояд;
- интизоми бақайдгирии ҷиноятҳоро дар фаъолияти субъектони бақайдгирии ягонаи ҷиноятҳо таҳти назорати қатъӣ қарор дода, бобати таъмини ногузирии ҷавобгарӣ чораҳои мушаххас андешад;
- ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани ҷинояткории трансмиллӣ, экстремизм, терроризм, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии яроқ, хариду фурӯши одамон чораҳои иловагии таъсирбахшро татбиқ гардонад;
- ҳолати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», аз ҷумла иҷрои қонунӣ будан ва дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун иҷро кардани санадҳои судиро мавриди санҷиш қарор дода, оид ба бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ҷойдошта, чораҳои таъхирнопазир андешад;
- назорати прокурориро бобати иҷрои санадҳои судӣ, алалхусус, оид ба мусодираи амволи ҷинояткорон ва даъвои гражданӣ пурзӯр намояд;
- вобаста ба фаъолияти мақомоти прокуратура оид ба иҷрои Қарори мазкур ҳар нимсола ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намояд.

3. Назорати иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният гузошта шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №313**

(Идома аз саҳ. 1)

# ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН БА ОЯНДАИ ҶАВОНОН БЕТАРАФ НЕСТАНД

Чуноне Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Ҳадафи сиёсати давлатии мо дар бахши ҷавонон тарбияи кадрҳо ва мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ мебошад ва яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар бахши ҷавонон мувофиқи талаботи замон таълиму тарбияи дурусти насли ҷавон аст».

Таваҷҷуҳи пайвастаи Сарвари давлат ва Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои ҷавонон бесабаб нест, зеро аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ 2632100 нафарро ҷавонони синни аз 14 то 30 - сола ташкил медиҳанд.

Мутобиқи моддаи 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади баланд бардоштани самаранокии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин фароҳам овардани шароити иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои ташаккули иҷтимоии ҷавонон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори худ таҳти рақами 372 аз 2 июли соли 2009 Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012-ро қабул намудааст, ки он аз соли 1999 инҷониб барои ҳар се сол таҳия гардида, дар амалӣ кардани сиёсати давлатии ҷавонон нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад.

Асоси ҳуқуқии барномаи мазкурро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, таҳти № 228) ва Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 таҳти №480) ташкил медиҳад.

Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012, ки тамоми масъалаҳои вобаста ба ҷавононро фаро мегирад, асосан ба воситаи буҷети давлатӣ маблағгузорӣ шуда, баҳри татбиқи он дар назди вазорату идора ва ниҳодҳои давлатӣ оид ба беҳбуди ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷавонон вазифаҳои мушаххас гузошта шудааст.

Сиёсати давлатии ҷавонон, ки бахши ҷудонопазири сиёсати иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад, яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо мебошад. Дар ин замина, давра ба давра қабул гардидани барномаҳои дурнамои ҷавонон барои татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон шароити мусоид фароҳам меорад.

Баҳри таъмини иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012» аз тарафи раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо барномаҳои марбут ба ҷавонон дар соли навбатии молиявӣ таҳия ва қабул карда шуданд. Чунончӣ, дар вилояти Суғд бо қарори раиси вилоят «Барномаи рушди иҷтимоии ҷавонони вилояти Суғд барои солҳои 2010-2012» қабул карда шудааст, ки тибқи он дар шаҳру ноҳияҳо 398 чорабиниҳои гуногун дар байни ҷавонон, аз қабили вохӯриву мулоқотҳо, мизҳои мудаввар, барномаҳои телевизиониву радиоӣ бо мақсади тарбияи маънавии ҷавонон, ватандӯстии онҳо, оид ба пешгирии падидаҳои номатлуб дар деҳоту шаҳракҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят доир гардида, онҳо 60383 нафар ҷавононро дар бар гирифтанд.

Дар вилояти Хатлон қарори раиси вилоят аз 30 соли 2009 таҳти №284 ба тасвиб расидааст ва дар асоси он Барномаи «Ҷавонони вилояти Хатлон» барои солҳои 2010-2012 таҳия гардида, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва ташкилотҳои дахлдори вилоят ирсол шудааст. Дар асоси он 484 чорабинии оммавӣ, фарҳангию варзишӣ, омӯзишӣ ва вохӯриҳо бо фарогирии 85087 нафар ҷавонон гузаронида шуданд.

Зикр кардан бамаврид, аст, ки дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳияҳои Ёвон ва Вахш таъсис додани воҳиди алоҳидаи кор бо ҷавонон ва аз ҳисоби буҷети ноҳия маблағгузорӣ намудани он қобили дастгирист.

Дар ВМКБ низ қарори дахлдори раиси вилоят ба тасвиб расида, тибқи он дар миқёси вилоят 287 чорабинӣ бо фарогирии 28453 нафар наврасону ҷавонон гузаронида шудааст. Инчунин барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар баробари идораву муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз қабили «Ҷавонони даврони муосири Помир», «Маркази рушди ҷавонони «Нилуфар», «Фарзандони Помир», «Ҷавонони Помир», «Ҷавонон барои рушди кӯҳистон» ҷалб шуданд. Дар натиҷаи ин ҳамдастӣ дар вилоят 204 иншооти гуногуни варзишӣ дар хидмати ҷавонону наврасон қарор дорад. Барномаи «Ҷавонони пойтахт барои солҳои 2010-2012», ки бо қарори раиси шаҳри Душанбе таҳти №786 аз 31 декабри соли 2009 қабул гаштааст, баҳри татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар шаҳри Душанбе шароити мусоид фароҳам меорад. Дар чор ноҳияи шаҳр дар асоси Барномаи давлатӣ барномаҳои маҳаллӣ амалӣ мешаванд. Дар маҷмӯъ, солҳои 2010-2011 аз тарафи Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Душанбе ва бахшҳои ноҳиявии он дар сатҳи шаҳр ва ноҳияҳо 263 чорабинии гуногун дар байни ҷавонон баргузор гардидаанд, ки фарогири 18954 нафар наврасону ҷавонон шуданд.

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ низ дар доираи татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-212-ум 223 чорабинӣ бо фарогирии 51439 наврасону ҷавонон баргузор гардида, дар тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ, ташаккули саломатӣ ва инкишофи ҷисмонии онҳо нақши муҳим гузоштааст.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ 740 чорабинии гуногун бо фарогирии 132000 наврасону ҷавонон доир гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, тибқи маълумот, дар ҷумҳурӣ вобаста ба барномаи баррасишаванда дар солҳои 2010-2011 зиёда аз 2000 чорабиниҳои гуногун бо иштироки 374316 нафар наврасону ҷавонон гузаронида шудааст.

Ҳадафи асосии чорабиниҳои мазкур татбиқи Барномаи давлатӣ, беҳтар намудани шароит ва зисту зиндагонии ҷавонон, коҳиш додани сатҳи бекорӣ, зуҳури падидаҳои номатлуб дар байни ҷавонон, пешгирии вайроншавии оилаҳои ҷавон, таъмини саломатии ҷавонон, тарғиби тарзи ҳаёти солим, тарбияи ватанпарастии ҷавонон, баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ҷаҳонбиниву зиракии сиёсӣ ва маърифатии насли ҷавон, танзими оила ва муҳоҷират, пешгирии ҷинояткорӣ ва ғайра мебошад.

Мутаассифона, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе шаҳру ноҳияҳо барномаҳои маҳаллӣ таҳия ва қабул нашудаанд ё бо гузашти мӯҳлати муайян ва бе назардошти вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ номукаммал таҳия ва қабул гардидаанд, ки сохтори аксарияти онҳо ба Барномаи давлатӣ мувофиқ набуда, на ҳама самтҳои афзалиятноки онро фаро мегиранд.

Масалан, қарори раиси ВМКБ бо замимаи Барномаи давлатии «Ҷавонони ВМКБ барои солҳои 2010-2012» 26 августи соли 2010 ба бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳияи Рӯшон ворид шуда бошад ҳам, аз тарафи бахши мазкур барномаи маҳаллӣ таҳия нашудааст. Айнан дар ноҳияҳои Шуғнон ва Ванҷ низ барномаҳои маҳаллӣ бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии ин маҳалҳо таҳия ва қабул нагардидаанд. Дар ноҳияи Дарвоз барномаи маҳаллӣ баъди зиёда аз як соли мавриди амал қарор гирифтани барномаи давлатӣ қабул гардида, то ба ҳол барои иҷрои чорабиниҳои барномавӣ кори амалие ба сомон расонида нашудааст.

Бояд тазаккур дод, ки бо вуҷуди баргузор намудани чорабиниҳои зиёд, мушкилот ва норасоиҳо дар амалӣ гардидани сиёсати давлатии ҷавонон ҷой доранд. Мавҷудияти ин ҳолатҳо дар маҷмӯъ далели онанд, ки чорабиниҳои барномавии дар 7 самти афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон пешбинигардида, аз қабили ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ, саломатии ҷавонон, инчунин шуғл ва мустақилияти ҷавонон, аз тарафи масъулони мақомоти ваколатдори давлатӣ – иҷрокунандагони барномаи дахлдор самарабахш ба анҷом расонида намешаванд. Бадии кор боз дар он аст, ки аксари ин чорабиниҳо бе назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии маҳал алоқаманд ба санаи муайян ва бо гурӯҳи муайяни ҷавонон танҳо ба хотири иҷрои чорабинии пешбинигардида гузаронида мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳаҷми умумии маблағгузории барномаи мазкур 9,5 млн. сомониро ташкил дода, 4,1 млн. сомонӣ, яъне 43,5 фоиз - аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва 5,4 млн. сомонӣ, 56,5 фоиз - аз ҳисоби дигар манбаъҳо ва ҷалби сармоя сурат мегирад. Баррасии масъала нишон дод, ки дар соли 2010 аз 1 миллиону 217 ҳазор сомонии дар барномаи мазкур ба нақшагирифташуда, аз буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми 700 ҳазор сомонӣ ё дар сатҳи 57,5 фоиз маблағ ҷудо гардидаасту халос. Дар соли 2011 бошад, аз 1 миллиону 418 ҳазор сомонии банақшагирифташуда дар ҳаҷми 800 ҳазор сомонӣ ё дар сатҳи 56,4 фоиз маблағ ҷудо гардид. Дар маҷмӯъ, солҳои 2010-2011 барои татбиқи ҳадафҳои барномаи мазкур аз буҷети ҷумҳуриявӣ аз 2 миллиону 635 ҳазор сомонии пешбинишуда танҳо 1 миллиону 500 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардид, ки 57 фоизи маблағгузории буҷетиро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2012 бо мақсади маблағгузории Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012-ум 1 миллиону 502 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки бояд дар амалӣ гардонидани марҳилаи сеюми барнома истифода шавад.

Таҳлилҳо далели равшани он мебошанд, ки сатҳи маблағгузории буҷетӣ барои ҷавонон ба талаботи имрӯзаи рушди ҷомеа ҷавобгӯ нест. Бо назардошти маблағгузории калони давлатӣ, маблағгузории барномаи мазкур ҳамагӣ 0,004 фоизро нисбат ба Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ ташкил медиҳад, дар ҳоле ки 35 фоизи аҳолии кишвар ҷавонони аз 14 то 30- солаанд.

Бояд зикр кард, ки барои амалӣ гардонидани Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 дар ду соли охир маблағҳои ғайрибуҷетӣ, аз он ҷумла аз ҳисоби дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ низ ҷалб шуданд. Мувофиқи нақшаи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012, барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои банақшагирифташуда маблағҳои ғайрибуҷетӣ бояд дар ҳаҷми 5 миллиону 365 ҳазор сомони ҷалб карда шаванд. Хушбахтона, дар ду соли охир миқдори чунин маблағҳо тақрибан ба 14 миллион сомонӣ расид, ки 2,6 маротиба зиёд мебошад.

Тибқи иттилооти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳолатҳои ғайриқонунӣ истифодабарии маблағҳои барои барномаи мазкур ҷудогардида ошкор нашудааст ва хароҷоти маблағҳо бо тартиби муайян дуруст ба роҳ монда шудааст.

**Вакилони мӯҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Омӯзиши амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи маводи бадастомада ва рақамҳои гӯё, ки вазъияти воқеии масъаларо инъикос менамоянд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар самти татбиқи барномаи мазкур корҳои муайяни зиёд ба анҷом расидааст, вале бояд таъкид кард, ки бо вуҷуди корҳои анҷомшуда, тибқи талаботи замони муосир кифоя нест. Яъне, имрӯз беш аз пеш наврасону ҷавонон ба таваҷҷуҳи ҳамешагӣ ва дастгирии пайвастаи давлат ва аҳли ҷомеа ниёз доранд, аксари масъалаҳои муҳими онҳо ҳалли сарива҆ктиро талаб менамоянд. Пеш аз ҳама, бартараф гардидани мушкилоти асосии наврасону ҷавонон – дурусту самаранок ба роҳ мондани таълиму тарбия ва маърифатнокии онҳо мебошад, ки дар ҳалли он ҳамкории оила, мактаб ва аҳли ҷомеа нақши муассир мебозад. Дар ин ҳолат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» раҳнамо гардида, дар таълиму тарбияи насли солиму соҳибмаърифат ва инсони комил таҳким бахшида, барои таъмини имрӯзу фардои кишвар заминаи мусоид мегузорад. Муҳимияти масъала дар он аст, ки бартараф намудани ҳама мушкилоти наврасону ҷавонон аз он вобаста аст.

Яке аз бахшҳои Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012-ро «Таҳсил, такмили ихтисос, тайёр намудани кадрҳо ва дастгирии давлатии ҷавонони лаёқатманд» ташкил медиҳад.

Масъалаҳое, ки ба таваҷҷуҳи махсус ниёз дорад, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ва ба таҳсил фаро гирифтани онҳо мебошад. Тибқи ҳисоботи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумораи умумии наврасону ҷавонон 737100 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо 527100 нафар дар муассисаҳои таълимии умумӣ таҳсил менамоянд.

Мушкилоте, ки аҳли ҷомеаро ба ташвиш овардааст, ин аз таҳсил дур мондани наврасону ҷавонон мебошад. Соли хониши 2011-2012 дар ҷумҳурӣ 865 нафар кӯдакони синни мактабӣ ба таҳсил фаро гирифта нашудаанд, ки аз онҳо 510 нафарашонро духтарон ташкил менамоянд, аз ҷумла дар вилояти Суғд-157 нафар, Хатлон-298 нафар, ВМКБ-51 нафар ва аз шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ-356 нафар.

Бо мақсади дастгирӣ намудани ҷавонони болаёқат аз оилаҳои камбизоат, тайёр намудани мутахассисони ҷавон барои ноҳияҳои дурдаст, баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо тибқи квотаҳои президентӣ ҷавонон ба мактабҳои олӣ дохил мешаванд. Ба ҷавонони болаёқат стипендияҳои президентӣ, стипендияҳои раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳо таъин карда мешаванд. Масалан, дар шаҳри Душанбе аз шумораи умумии хонандагон ба 34 нафар стипендияи президентӣ, 108 нафар стипендияи раиси шаҳр; дар вилояти Хатлон ба 25 нафар стипендияи раиси вилоят, 414 нафар стипендияҳои раисони шаҳру ноҳияҳо ва 337 нафар стипендияҳои роҳбарони муассисаю ташкилотҳо таъин шудааст. Чунин иқдом дар дигар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ба роҳ монда шудааст.



Зикр намудан лозим меояд, ки ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон сол то сол меафзояд. Тибқи ҳисоботи оморӣ, соли 2011 дар ҷумҳурӣ аз тарафи ноболиғон ва бо иштироки онҳо (аз 14 то 18- сола) 545 ҷиноят содир ва ба қайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса ба соли 2010-ум 15 ҷиноят ё 2,2 фоиз зиёд мебошад. Аз 460 нафар ноболиғоне, ки дар соли 2011 даст ба ҷиноят задаанд, 116 нафари онҳо хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ буда, 330 нафари дигарашон ба кор ва таҳсил фаро гирифта нашудаанд.

Ҳолати содиршавии ҷиноят аз тарафи ҷавонон низ ташвишовар буда, майл ба болоравӣ дорад. Дар соли 2011 аз тарафи ҷавонон 3474 ҷиноят содир ва ба қайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса бо соли 2010-ум 618 ҷиноят ё 21,6 фоиз зиёд мебошад. Ҷиноятҳо асосан аз тарафи ҷавононе содир шудааст, ки дар ягон ҷой кор накарда, ба таҳсил фаро гирифта нашудаанд.

Таҳлили ҳолати дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон, ҳодисаҳои вайроншавии оилаҳои ҷавон, сабаб ва омилҳои ба он мусоидаткунанда нишон дод, ки дар ин раванд, гарчанде аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати дастгирии оилаҳои ҷавон корҳои муайян ба сомон расонида шудаанд, ҳанӯз камбудӣ ва норасоии зиёд ҷой дорад.

Тибқи маълумоти мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ, дар давоми соли 2011 дар ҷумҳурӣ 94050 ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст. Дар ин муддат 6797 ақди никоҳ бекор карда шуд, ки аз ин шумора 2318 ададро оилаҳои ҷавон (аз 18 то 25 -сола) ташкил медиҳанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки кори пешгирӣ аз бекор кардани ақди никоҳ, чуноне лозим аст, ба роҳ монда нашудааст. Фаъолияти якҷояи аҳли ҷомеа бояд баҳри омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона босамар карда шавад. Омӯзиши ин масъала нишон дод, ки сабабҳои ҷудошавии оилаҳои ҷавон, пеш аз ҳама, аз тарафи падару модарон ба ҳаёти мустақилона омода накардани фарзандон, барвақт хонадор кардан, надоштани касбу ҳунар ва ихтисос, ҷойи кору даромади муайян ва хонаи истиқоматӣ барои зиндагии мустақилона, бад шудани муносибати байни зану шавҳар ва аъзои дигари оила, рафтори номуносиби яке аз ҳамсарон, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтану муддати тӯлонӣ барнагаштан ва ғайра мебошанд.

Масъалаи тарбияи ҳисси ватандӯстии ҷавонон яке аз масъалаҳои асосӣ ҳисобида шуда, дар тарғибу ташвиқ ва бедор намудани ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастӣ, инчунин ҷалби онҳо ба хизмати Ватан нақши муҳим мебозад. Дар ин самт мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои ҷавонон солҳои сипаригардида бо гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳо ба як қатор дастовардҳо ноил гардидаанд. Ҷамъбасти даъвати тирамоҳии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар соли 2011 нишон дод, ки сол то сол шумораи шаҳрвандоне, ки ихтиёран ба хизмати ҳарбӣ меравад, зиёд мешавад, он ба 43,1 фоиз (даъвати баҳорӣ 2011-ум -40,2 фоиз) баробар шудааст.

Дар баробари ин, дар даъвати тирамоҳӣ аз тарафи комиссияҳои даъватӣ ва комиссариатҳои ҳарбӣ ба як қатор қонунвайронкуниҳо низ роҳ дода шудааст. Тавре маълум аст, ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ шаҳрвандоне бояд даъват шаванд, ки дар қайди ҳарбӣ гузошта шуда бошанд. Аммо ин талабот на ҳама вақт аз тарафи мақомоти дахлдор иҷро мегардад. Ин аст, ки аз 82784 нафар шаҳрвандони ба синни 16 расида 15234 нафари онҳо дар қайди ибтидоии ҳарбӣ набуданд. Дар давраи даъвати тирамоҳии шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ аз комиссариатҳои ҳарбии шаҳри Душанбе-187 нафар, шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ-12 нафар, Рашт-5 нафар, Вахш-8 нафар, Турсунзода-4 нафар даъватшавандагон бо чунин тарзи ғайриқонунӣ ба хизмати ҳарбӣ сафарбар шуданд. Ҳолатҳои номбаршуда мавриди санҷиши ҳаматарафа қарор гирифта, шахсони гунаҳкор ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Яке аз зербандҳои Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012-ро «Шуғл, мустақилияти иқтисодии ҷавонон ва рушди соҳибкорӣ дар байни онҳо» ташкил менамояд, ки дар ин самт низ кори муайян ба сомон расидааст.

Бо мақсади татбиқи масъалаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011 таҳти №598 «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2013» қабул гардид.

Дар барномаи мазкур барои дастгирии ҷавонон ба меҳнат тавассути ташкили ҷойҳои нави корӣ, омӯзиши касбӣ, ташаккули соҳибкорӣ чорабиниҳо ба нақша гирифта шудаанд, ки мусоидат дар таъмини ҷавонон бо ҷойи кор аз ҳисоби ҷойҳои кори холии мавҷуда, расонидани хизмати роҳнамоии касбӣ ва маслиҳатию машваратӣ, сафарбар намудани ҷавонон ба курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мувофиқи касбу ихтисосҳои ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар, ҷалби ҷавонон ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок, дастгирии ташаббусҳои ҷавонон дар ташкили фаъолияти соҳибкории хурду миёна бо ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок ба онҳо, васеъ намудани доираи фаъолияти марказҳои иҷтимой-соҳибкорӣ, роҳандозии тадбирҳо дар тарбияи ҳуқуқии ҷавонон доир ба масъалаҳои бозори меҳнат, ташкили барномаҳои махсус ба воситаи расонаҳои хабарӣ аз он ҷумла мебошанд.

Ба мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои дарёфти кор 37570 нафар ҷавонон муроҷиат намудаанд, ки аз онҳо ба 26187 нафар мақоми бекорӣ дода шуда, 7464 нафар ройгон ба касбомӯзӣ фиристода, 14814 нафар бо кор таъмин карда шудаанд, 2075 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ равона гардида, ба 4304 нафар кӯмакпулӣ барои бекорӣ ва ба 1177 нафар барои ташкили соҳибкорӣ қарзи имтиёзнок дода шуд. 1244 нафар тавассути квота ба кор таъмин гардид. Дар назар аст, ки давоми солҳои 2012-2013 тавассути татбиқи ин тадбирҳо 63,1 ҳазор нафар ҷавонон ба намудҳои гуногуни шуғл фаро гирифта мешаванд.

Сиёсати иҷтимоии ҷавонон яке аз муҳимтарин бахшҳои сиёсати давлатии ҷавонон ба шумор меравад. Дар ин самт ба дастгирии фаъолияти соҳибкорони ҷавон, истиқлоли иқтисодии ҷавонон ва дар ин замина рушди соҳибкории хурду миёна диққати махсус дода мешавад. Ҳамин тавр, дар ин давра бо мақсади ташаккули механизми дастгирии соҳибкорони ҷавон дар вилояти Хатлон ба 529 нафар 1508549 сомонӣ, вилояти Суғд ба 569 нафар 1379555 сомонӣ, ВМКБ ба 547 нафар 1247737 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок аз ҳисоби маблағҳои ба ин мақсад равонашуда пешниҳод шудааст.

Масъалаи дигаре, ки бевосита ба амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон таъсир расонида метавонад, муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон мебошад. Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2011 шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ 750391 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 359562 нафар (47,9 фоиз), аз ҷумла 322006 нафар ҷавонмардон ва 37556 нафарро ҷавондухтарон аз синни 18 то 29-сола ташкил медиҳанд.

Тибқи ахбори пешниҳодгардида, муҳоҷирони меҳнатӣ ба Намояндагии Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан оид ба масъалаҳои ғайриқонунӣ боздошт ва нигоҳ доштани шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар марказҳои нигоҳдошти мувақкатии шаҳрвандони хориҷӣ ва аз кишвар пеш кардани онҳо, напардохтани музди меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ аз тарафи корфармоён, тартиби ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба фаъолияти корӣ ва будубош дар хориҷа, ҳолатҳои таҳқир ва зӯроварӣ нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар масъалаҳои поймол намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоии онҳо муроҷиат менамоянд. Дар навбати худ Намояндагии Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, диаспораҳои тоҷикон ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии тоҷикон, ҳуқуқшиносон, инчунин ҳимоятгарони ройгони ташкилотҳои байналмилалӣ, аз қабили ТБМ «Ёрии шаҳрвандӣ», «Муҳоҷират ва қонун» ва ғайра, баҳри таъмини ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон тадбирҳои амалӣ меандешанд. Илова бар ин, ҷиҳати ёрии амалӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар Намояндагии Хадамоти муҳоҷират дар Федератсияи Россия телефонҳои боварии шабонарӯзӣ амал карда, маълумот ба воситаи сомонаҳои интернетии диаспора ва ташкилотҳои ҷамъиятии тоҷикон ва дигар воситаҳои ахбори оммаи Федератсияи Россия пахш мегардад.

Дар соли 2011-ум 2665 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти дахлдори Федератсияи Россия пеш карда шуданд, ки аз ин шумора танҳо 1861 нафарашон ба Ватан баргаштаанд.

Масъалаҳои ҳаматарафа омода намудани мутахассисон ва коргарони соҳибтахассус, касбу ҳунаромӯзӣ ва забономӯзӣ бояд мадди назари мақомоти дахлдор қарор гирифта, таҷрибаи таъсис ва дастгирӣ намудани марказҳои таълими калонсолон боиси дастгирист. Мувофиқи мақсад мебуд, ки дар назди вазорату кумитаҳо вобаста ба соҳаҳояшон курсҳо ва марказҳои омӯзишӣ таъсис дода шуда, мушкилоти ниёзмандонро ҳал намоянд.

Бояд зикр намуд, ки яке аз роҳҳои мушаххаси амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳал муҳайё намудани шароити зарурӣ барои фаъолияти ҳамарӯзаи онҳо буда, ташкили марказҳои ҷавонон тақозои замон аст. Маълумоти бадастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъала дар ин самт ҳалталаб аст. Ҳамагӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 66 маркази ҷавонон мавҷуд мебошанд, аз ҷумла дар вилоятҳои Суғд-10, Хатлон-22, ВМКБ-3, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ-20 ва шаҳри Душанбе-11. Аз марказҳои номбаршуда 7 адади онҳо умуман фаъолият накардаанд. (Дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Панҷакент, Истаравшан, Айнӣ, Фархор, 29-тои онҳо таъмирталабанд ё ба таҷҳизот ниёз доранд). Умуман, 43,9 фоизи маркази ҷавонон камфаъолиятанд ё фаъолият намекунанд. Дар баробари ин, 55-тои онҳо дар тавозуни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, 7-то дар тавозуни КВД «Тоҷиккино» ва танҳо 4 марказ дар тавозуни Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад. Дар 5 ноҳияи ВМКБ, 8 шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, 13 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва 6 шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ марказҳои ҷавонон тамоман вуҷуд надоранд.

Иштироки фаъолонаи ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дар раванди рушду пешрафти минбаъдаи ҷомеа нақши ҳалкунанда мебозад. Аз ин рӯ, дар байни ҷавонон зарурати ба вуҷуд омадани ҳаракати муташаккилонае, ки ба идеологияи солим нигаронида шудааст, эҳсос мегардад. Дарвоқеъ, имрӯз ҷавонони кишвар дар даврае ҳаёт ба сар мебаранд, ки дар баробари фароҳам будани шароити мусоид ҷиҳати худтакмилдиҳӣ ва инкишоф, мушкилоти зиёд садди роҳи зиндагии онҳо гардидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста маҳз барои бартараф сохтани ин мушкилот дар ҳаёти ҷавонон ва мусоидат ба мутобиқшавию рушду такомули онҳо тадбирҳои амалӣ меандешад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки яке аз роҳҳои асосии амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳал муҳайё кардани шароити зарурӣ барои фаъолияти ҳамарӯзаи онҳо мебошад. Омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки вазъият дар ин самт боиси нигаронист.

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки барои ба куллӣ тағйир додани вазъи ин соҳа тадбирҳои амалӣ андешанд.

Мувофиқи талаботи моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» мақомоти давлатии кор бо ҷавонон бояд фаъолияти вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои ҷавонон, шаҳрвандон, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ҳамоҳанг намояд.

Инчунин тибқи банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №372 аз 2 июли соли 2009 Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (мутаносибан сохторҳои он дар маҳал) ҳамоҳангсози татбиқи Барномаи давлатии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 муқаррар шудааст.

Мутаассифона, омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкур нишон дод, ки мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон бар хилофи муқаррароти зикргардидаи қонунгузорӣ, нақши ҳамоҳангсоз будани худро бояду шояд иҷро накарда, барои ба низоми ягона даровардани фаъолияти ҳамаи субъектҳои алоҳидаи тарбия ва расидан ба мақсади ниҳоӣ, воқеан амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон тадбирҳои зарурӣ наандешидааст, ки аксар ҳолатҳо дар алоҳидагӣ гузаронидани чорабиниҳо аз тарафи субъектҳои тарбия аз он шаҳодат дода, ба таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон на ҳама вақт мусоидат намудааст.

Пешгирии паҳншавии падидаҳои номатлуб, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва корҳои фаҳмондадиҳиву ташвиқотӣ доир ба масъалаҳои рӯзмарра дар байни ҷавонону наврасон яке аз самтҳои асосии фаъолият ва талаботи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 маҳсуб мегардад,аммо доир ба иҷрои самтҳои фаъолият аз ҷониби кумита ва сохторҳои маҳаллии он, аз ҷумла чорабиниҳо ва натиҷаҳои он дар воситаҳои ахбори омма дар сатҳи зарурӣ инъикос карда намешаванд.

Натиҷаи таҳлилҳо шаҳодати он аст, ки дар минтақаҳо масъалаи ҷиддан ташвишовари табақаи ҷавонон, ба монанди паст будани сатҳи зиндагӣ, набудани ҷойҳои корӣ, музди кори мувофиқ, имтиёзҳо оид ба машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, даст задани ҷавонон ба қонунвайронкунӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ, сатҳи ҷинояткории ҷавонону ноболиғон то имрӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Бояд зикр намуд, ки чорабиниҳое, ки аз ҷониби як қатор ноҳияҳо баргузор мешаванд, аксаран якрангу якнавохт, бидуни омодагии ҳамаҷониба, бе назардошти доираи мушаххаси иштирокчиён, бо такрори мавзӯъҳо гузаронида мешаванд ва аз ин рӯй самараи дилхоҳ намедиҳанд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Бо назардошти гуфтаҳои боло, бо мақсади ташаккул ва самаранок дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии ҷавонон ва Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 зарур мешуморем, ки дар ин самт ба масъалаҳои зерин диққати махсус дода шавад:

- татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда шавад ва аз усули самарабахш дар мувофиқа бо мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятиву сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонону наврасон, иттифоқҳои касаба, коллективҳои меҳнатӣ истифода бурда шавад. Аз ин лиҳоз, бояд ҳатман феҳристи ягонаи байнисоҳавии хароҷоти буҷет барои таъмини хароҷоти муассисавӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таъсис ва воҳидҳои корӣ барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷамоатҳои деҳот амалӣ ташкил карда шавад;

- механизмҳои ташкилӣ ва маблағгузории сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар, ки ҳамчун соҳаи сиёсати иҷтимоӣ пазируфта шудааст, марҳила ба марҳила такмил дода шавад;

- маблағгузории буҷетӣ ҷиҳати амалигардонии Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 мувофиқи нақшаи мушаххас ба роҳ монда шавад;

- иншооту муассисаҳое, ки ба бахши ҷавонон иртиботи бевосита доранд, аз ҷумла марказҳои фарҳангии ҷавонон, ки то ҳол дар ихтиёри дигар идораю ташкилотҳо қарор доранд, пурра ба ихтиёри соҳа гузаронида шаванд;

- корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ дар байни ҷавонон бо мақсади пешгирии ҳодисаҳои номатлуб ба таври муассир ба роҳ монда шуда, таваҷҷуҳи муассисаҳои таълимӣ, падару модарон ва аҳли ҷомеа ба таълиму тарбияи дурусти фарзандон ҷалб карда шавад;

- ташкил ва гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ дар байни ҷавонон бо мақсади омӯзиши ҳамаи мушкилоти ҷавонон аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷавонон ба роҳ монда шавад;

- ба таҳсил, такмили ихтисос, тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд диққати зарурӣ дода шавад;

- барои гузаронидани чорабиниҳо, аз ҷумла вохӯрию мулоқотҳо, конференсияҳои илмию амалӣ оид ба масъалаҳои таҳсилот, фаъолияти меҳнатӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, шуғл ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон ва ғайра тадбирҳо андешида шаванд;

- барои муҳайё намудани шароит ба олимони ҷавон, кормандони ҷавони соҳаҳои маориф, фарҳанг, илм ва мусоидат ба амалӣ гаштани дастовардҳои онҳо чораҳо андешида шаванд;

- ба масъалаҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ, тайёр намудани мутахассисону коргарони соҳибтахассус, омӯзиши забонҳои хориҷӣ бояд диққати ҳаматарафа ва доимӣ дода шавад;

- ба масъалаҳои пойдории оилаҳои ҷавон, ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори кор бо занон ва оила, ҷавонон аҳамияти ҳамарӯза дода шавад;

- барои ташаккул ва инкишофи намудҳои оммавии варзиш ва сайёҳӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шавад;

- манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла ҷавонони имкониятҳои ҷисмонӣ ва рӯҳияшон маҳдуд, ба эътибор гирифта шавад;

-барои дастгирии оилаҳои ҷавон дар сохтмони манзил, гирифтани замин, беҳтар намудани шароитҳои манзилӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд;

- ҳамкории дастаҳои донишҷӯён, иттиҳодияҳои меҳнатии талабагон ва донишҷӯён дар асоси шартномаҳо бо корхонаҳои соҳаҳои гуногун, аз ҷумла саноат, энергетика, кишоварзӣ барқарор карда шавад;

- бо мақсади тарбияи маънавии ҷавонон ва ноболиғон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо дар мактабҳо, донишгоҳҳо, ҷамоатҳо, корхонаву ташкилотҳо баргузории семинарҳо ва вохӯриҳо бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, зиёиён ва уламои дин ба роҳ монда шаванд;

- барои омӯзиш ва устувор гардонидани неруи кадрии ташкилот ва ҳаракатҳои ҷавонон, аз ҷумла маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон барои хизмати хайрия, тадбирҳои амалӣ андешида шаванд;

-аз имкони иттиҳодияҳою ташкилотҳои ҷавонон ба хотири рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ васеъ истифода ва механизми дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо такмил дода шавад;

- оид ба ташаккули механизми дастгирии давлатии соҳибкории ҷавонон ва ташкилотҳои махсуси ҷавонон, ки дар самти ташаккули малакаи соҳибкорӣ ва мусоидат ба соҳибкорӣ фаъолият мебаранд, чораҳо андешида шаванд;

- аз воситаҳои ахбори омма бо мақсади таҳия ва пахши барнома ва мақолаҳое, ки хусусияти тарбиявӣ доранд, васеъ истифода бурда шавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бешубҳа, муҳокимаи ошкорои парламентӣ ба бартараф намудани мушкилоти зикршуда такони ҷиддӣ мебахшад. Он таклифу пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар рафти муҳокима қабул мегарданд, ба дуруст ва самаранок амалӣ намудани Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 ва барномаҳои оянда заминаи мусоид мегузоранд.

**(Идома дар шумораи оянда)**

*Тиллои НЕКҚАДАМ,*
*«Садои мардум».*
*Суратгир А.ИСОЕВ*

## ОМАДАНИ СЕЛРО ЧӢ САБАБ ШУД?

Дар натиҷаи борони шадид ва маҳкам шудани коллектори обпартои кӯчаи Баҳори шаҳри Қӯрғонтеппа даҳ манзили зист қисман вайрон гардид. Тавре раиси Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон Зубайдулло Толибов иброз намуд, ҳафт хона дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, се манзили истиқоматӣ комилан хароб гардид. Ба хонаводаҳои зарардида кӯмаки ғизоӣ ва ашёи рӯзгор расонида шуд.

Раиси шаҳри Қӯрғонтеппа Шарифхон Самиев зимни вохӯрӣ бо сокинони зарардида ваъда дод, ки дар бозсозии хонаҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ёрӣ мерасонад. Ҳамчунин аз ҷониби Ситоди вилоятии ҳолатҳои фавқулодда барои рафъи пайомадҳои ин ҳодисаи нохуш кӯмак расонида шуд. Дар рафти ҳодиса талафоти ҷонӣ ба қайд гирифта нашудааст.

***Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»***

**● Навгониҳои кишоварзон**

## Кӯмаки интернет ба деҳқонон

Сабзавотпарварони деҳоти Заргари ноҳияи Бохтар тавонистанд, ки бо кӯмаки интернет парвардаҳои бодирингу помидори барвақтии давоми фасли зимистони тӯлонӣ сабзондаашонро аз хунукиҳои сахти рӯзҳои охир ҳифз намоянд.

Имрӯзҳо бо фарорасии обу ҳавои нисбатан гарм ниҳолакони бо сад меҳр парвардаашонро аз гармхонаҳои зимистона ба хандақҳои калон ё тавре худи онҳо мегӯянд, каппаҳо бароварда, нигоҳубини шабонарӯзиашонро ба роҳ мондаанд.

Тавре сабзавотпарвари номии вилоят Ҳоҷӣ Юнусалӣ Қушоқов иброз намуд, онҳо мисли дигар кишоварзони дунё намехоҳанд аз навгониҳои охирини илм қафо монанд. Аз ин рӯ, бо кӯмаки фарзандонашон ҳангоми парвариши помидору бодиринг, қаланфур ва дигар зироатҳои барвақтӣ аз маълумоти обуҳавосанҷон тариқи интернет истифода мекунанд. Охирҳои моҳи марти соли равон аксари деҳқонони деҳаҳои Ғайрат, Гулистон, Стаханов, ки шуғли асосиашон парвариши сабзавоти барвақтист, баъди воқиф шудан аз маълумоти обуҳавосанҷон маҷбур шуданд ниҳолакони наврастаро аз каппаҳои калон дубора ба гармхонаҳои зимистона баргардонанд. Албатта, ин кор мушкилу заҳматталаб буд, вале аз ҳама муҳимаш деҳқонони соҳибтаҷриба тавонистанд натиҷаи заҳмати тамоми фасли зимистон парвардаашонро аз хунукии сард муҳофизат намоянд ва камтар зарари иқтисодӣ бинанд. Зеро соли гузашта ҳангоми фасли зимистон, ки деҳқонон таҷрибаи истифодаи маълумоти обуҳаворо тариқи интернет надоштанд, зарари калони иқтисодӣ диданд. Имсол бо вуҷуди каме таъхир кардану ҳосилро дертар ба бозор баровардан онҳо аз натиҷаи заҳмати худ қаноатманданд.

Бояд зикр кард, ки бошандагони деҳоти номбурда дар киштy парвариши сабзавоти барвақтӣ таҷрибаи калон ҳосил кардаанд. Онҳо ҳамасола аз ҷумлаи аввалинҳо шуда, маҳсули дастранҷи худро ба бозор мебароранд. Имсол бо вуҷуди каме қафо мондан аз кишоварзоне, ки таҷрибаи чиниҳоро ҳангоми парвариши сабзавоти барвақтӣ ба кор бурдаанд, тавонистанд ҳосили аввалинро инак ба бозор бароранд. Бодиринги навъи «Орзу», ки онҳо дар каппаҳои худ парвариш намудаанд, дар бозор бо нархи гаронтар ба савдо меравад, зеро тамъу мазааш писанди харидорон аст.

Дар ҳудуди деҳоти Заргар ҳамасола беш аз сад гектар сабзавоти барвақтӣ парвариш меёбад ва аз ин ҷумла 50 гектараш дар сектори ҷамъиятӣ рӯёнида мешавад. Соли ҷорӣ деҳқонон ин нишондодро боз ҳам афзунтар намуданд. Маҳз натиҷаи парвариши помидору бодирингу дигар сабзавоти барвақтии зиёд аст, ки ҳамасола ҳангоми пухта расидани ҳосил дар ҳудуди деҳоти мазкур бозори мавсимии фурӯши маҳсулоти деҳқонӣ ташкил меёбад. Тоҷирони ҷумҳурӣ аз ин ҷо сабзавоти тару тозаро яклухт бо нархи арзон харидорӣ карда, бо нархи гаронтар ба фурӯш мебароранд. Сабзавотпарварони ҳақиқиву соҳибтаҷриба аз ин тарзи фурӯши маҳсули дастранҷи хеш малул нестанд. Фурсати ба дигар минтақаҳо сафар кардану сабзавотро бевосита дар бозорҳо савдо карданро ҳам надоранд. Машғулияти доимӣ дар саҳро, ҳама вақт дар назди каппаҳои сабзавотпарварии худ будан ва ба парвариши пайвастаи дастранҷи хеш машғул шудан барояшон оддати муқаррарӣ шудааст.

***Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»***






БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

### Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Литсейи ба номи А.Балъамӣ, шаҳри Ваҳдат | Сохтмони толори маҷлисгоҳ ва ошхона дар назди литсейи ба номи А.Балъамӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 2.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 2 | Литсейи ба номи А.Балъамӣ, шаҳри Ваҳдат | Сохтмони ошёнаи сеюм дар бинои дуошёнаи таълимии литсейи ба номи А.Балъамӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 2.05.2012 соати $11^{00}$ |
| 3 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Азнавсозии кинотеатри шаҳри Ваҳдат | тибқи санади нуқсонӣ | | 2.05.2012 соати $12^{00}$ |
| 4 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Таъмири шӯъбаи амнияти шаҳри Ваҳдат | тибқи санади нуқсонӣ | | 2.05.2012 соати $13^{00}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# ЭЪЛОН

## ДАР БОРАИ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН БАРОИ ТАҲСИЛ БА МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2012-2013

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Исломии Эрон қабули довталабонро барои таҳсил дар зинаҳои бакалавриат, магистратура ва аспирантура эълон менамояд**

Ба имтиҳони қабул шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ мебошанд ва бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, хати форсиро хуб медонанд, роҳ дода мешаванд. Инчунин аз рӯйи ихтисосҳои замимагардида донишҷӯёни курсҳои якуми муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ низ дар озмун иштирок карда метавонанд.

Иштирокчиён ва ғолибони олимпиадаҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ, дорандагони шаҳодатнома ва дипломи аълочӣ бартарият доранд.

Довталабон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дар ду нусха бо забони тоҷикӣ ба комиссияи кабул пешниҳод намоянд:

а) анкета (дар комиссияи қабул пур карда мешавад);

б) нусхаи аттестат, диплом ва нусхаи табели баҳоҳои ҷамъбастӣ ё маълумотнома дар бораи хатми синфи 11 бо натиҷаи баҳоҳои ҷамъбастӣ барои нимсолаи аввали соли хониши равон (бо забони тоҷикӣ);

в) гувоҳномаи тиббӣ ( справка ) оид ба гирифтор набудан ба беморӣ СПИД;

г) гувоҳномаи тиббии намуди 086;

ғ) нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ;

д) нусхаи шаҳодатномаи таваллуд;

е) 4 дона расми 3х4.

Нусхаи ҳуҷҷати дар банди «б» зикргардида бояд ба таври нотариалӣ тасдиқ шуда бошад.

Довталабон барои таҳсил дар аспирантура бояд инчунин рӯйхати мақолаҳои чопшуда (агар бошад) ва реферат дар ҳаҷми на камтар аз 15 саҳифа дар мавзӯйи минбаъд мавриди тадқиқот қароргиранда пешниҳод намоянд. Дертар, тибқи талаботи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Исломии Эрон, номзад дар пояи он муассиса имтиҳони қабул супорида, ҳуҷҷатҳояшро барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

Барои довталабоне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Исломии Эрон қабул мегарданд, таҳсил бепул буда, дар ҳаҷми барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Эрон муқарраргардида стипендия дода мешавад. Масрафи роҳ то ҷойи таҳсил ва бозгашт ба ӯҳдаи худи донишҷӯён мебошад. Донишҷӯён бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд, ки маблағи он ба андозаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Эрон муқаррар карда шудааст. Хизматрасонии тиббӣ дар асоси суғуртаи тиббӣ, ки донишҷӯй, аспирант дар ҳаҷми 250 (дусаду панҷоҳ) доллари амрикоӣ аз ҳисоби маблағҳои шахсиаш ӯҳдадор аст дастрас намояд, дар давоми таҳсил пешниҳод мегардад.

Ҳуҷҷатҳо дар Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» (ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 47, тел: 221-11-75 ) аз 10-уми апрел то 10 - уми майи соли 2012, аз соати $9^{00}$ то $17^{00}$ қабул карда мешаванд.

Имтиҳони қабул барои донишҷӯён ва магистрон рӯзҳои 11,12,13 майи соли 2012 (оғоз аз соати $9^{00}$), дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шакли санҷиши тестӣ бо забони тоҷикӣ дар заминаи барномаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ доир мегардад. Инчунин довталабон аз хати форсӣ диктант месупоранд.

Бо номгӯйи ихтисосҳо довталабон метавонанд дар комиссияи марказии қабули ҳуҷҷатҳо шинос шаванд.

***Комиссияи қабул***

# ЭЪЛОН

## ДАР БОРАИ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН БАРОИ ТАҲСИЛ БА «ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ КЕМЕРОВО»-И ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2012-2013

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар «Донишкадаи давлатии хоҷагии қишлоқи Кемерово»-и Федератсияи Россия қабули довталабонро барои таҳсил дар зинаҳои бакалавриат, магистратура ва аспирантура эълон менамояд**

Ба имтиҳони қабул шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ мебошанд ва бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, забони русиро хуб медонанд, роҳ дода мешаванд. Инчунин аз рӯйи ихтисосҳои номбурда донишҷӯёни курсҳои якуми муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ низ дар озмун иштирок карда метавонанд.

Иштирокчиён ва ғолибони олимпиадаҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ, дорандагони шаҳодатнома ва дипломи аълочӣ бартарият доранд.

Довталабон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дар ду нусха бо забони русӣ ба комиссияи кабул пешниҳод намоянд:

а) анкета (дар комиссияи қабул пур карда мешавад);

б) нусхаи аттестат, диплом ва нусхаи табели баҳоҳои ҷамъбастӣ ё маълумотнома дар бораи хатми синфи 11 бо натиҷаи баҳоҳои ҷамъбастӣ барои нимсолаи аввали соли хониши равон (бо забони русӣ);

в) гувоҳномаи тиббӣ ( справка ) оид ба гирифтор набудан ба беморӣ СПИД;

г) гувоҳномаи тиббии намуди 086;

ғ) нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ;

д) нусхаи шаҳодатномаи таваллуд;

е) 4 дона расми 3х4.

Нусхаи ҳуҷҷати дар банди «б» зикргардида бояд ба таври нотариалӣ тасдиқ шуда бошад.

Барои довталабоне, ки ба «Донишкадаи давлатии хоҷагии қишлоқи Кемерово»-и Федератсияи Россия қабул мегарданд, таҳсил бепул буда, дар ҳаҷми барои шаҳрвандони Федератсияи Россия муқарраргардида стипендия дода мешавад. Масрафи роҳ то ҷойи таҳсил ва бозгашт ба ӯҳдаи худи донишҷӯён мебошад. Донишҷӯён бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд, ки маблағи он ба андозаи шаҳрвандони Федератсияи Россия муқаррар карда шудааст. Хизматрасонии тиббӣ дар асоси суғуртаи тиббӣ, ки донишҷӯй, аспирант дар ҳаҷми 250 (дусаду панҷоҳ) доллари амрикоӣ аз ҳисоби маблағҳои шахсиаш ӯҳдадор аст, дастрас намояд, дар давоми соли таҳсил пешниҳод мегардад.

Ҳуҷҷатҳо дар Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» (ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 47, тел: 221-11-75) аз 10-уми апрел то 13 уми майи соли 2012, аз соати $9^{00}$ то $17^{00}$ қабул карда мешаванд.

Имтиҳони қабул барои донишҷӯён ва магистрон рӯзҳои 15-16 майи соли 2012 (оғоз аз соати $9^{00}$), дар бинои асосии Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» дар шакли санҷиши тестӣ бо забони тоҷикӣ дар заминаи барномаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ доир мегардад. Инчунин довталабон аз забони русӣ диктант месупоранд.

Бо номгӯйи ихтисосҳо довталабон метавонанд дар комиссияи марказии қабули ҳуҷҷатҳо шинос шаванд.

***Комиссияи қабул***

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

### Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 964/1-438 | Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои конселярӣ | номгӯй | 93 | 20.04.2012 $9^{00}$ |
| 965/1-439 | Кумитаи марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-95 | литр | 5357 | 20.04.2012 $9^{00}$ |
| 966/1-440 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 42 | 20.04.2012 $9^{30}$ |
| 973/3-431 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири як қисми корношоями кӯдакистони №66-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.04.2012 $9^{30}$ |
| 974/3-432 | Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири болопӯши бинои Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.04.2012 $10^{00}$ |
| 975/3-433 | Коҳи «Истиқлол»-и Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Иваз намудани тахтасангҳо, роҳравҳо | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.04.2012 $10^{30}$ |
| 976/3-434 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ошёнаи дуюм ва дигар корҳои таъмиру сохтмонии бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.04.2012 $10^{00}$ |
| 977/3-444 | Раёсати сохтмони асосии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони иншооти ёрирасони Беморхонаи марказии ҳарбӣ дар шаҳри Душанбе | тибқи санади нуқсонӣ | | 20.04.2012 $11^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### Тасҳеҳ

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти 942/2-320, 943/2-321, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 6 апрели соли 2012 таҳти №39-40 (2866-2867) нашр шудааст, ба ҷойи 30 апрели соли 2012 сана ва вақти кушодани лифофаҳо 20 апрели соли 2012 хонда шавад.

### Барҳам мехӯрад

ЧДММ «Технологияи маъданшиносӣ ва кӯҳкорӣ», ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0022707 бо РЯМ 0310003064 мебошад ва онро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 январи соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Шаҳрванд Латипов Раҷабалӣ Абдуманонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0199943 бо РЯМ 0430100459 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои ш.Душанбе 7 декабри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Шаҳрванд Мухамедов Акрам Нурматович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0203069 бо РЯМ 0730054912 буда, онро 9 январи соли 2012 Нозироти андози шаҳри Турсунзода додааст, фаъолияти «Гармоба»-и кӯчаи Победаи шаҳраки Пахтаободро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Шаҳрванд Маҷидов Аҳмадҷон Ҷумаевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008605 бо РЯМ 0930000968 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 20 августи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

### Эътибор надорад

Патенти гумшудаи №0177699, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои ш.Душанбе 4 майи соли 2011 ба Маҳмадуллоев Рустам Туйчиевич додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи донишҷӯйии гумшудаи силсилаи Г №06521, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур соли 2006 ба Бобохонов Меҳробҷон Қараевич додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №281/08, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2008 ба Кочетов Алексей додааст, эътибор надорад.

Номаи камоли гумшудаи №А587070, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Файзобод соли 1978 ба Раҳимов Қуввват Қудратович додааст, эътибор надорад.

Номаи камоли гумшудаи ТШТ-а №0020117, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон соли 2006 ба Бахтиёри Мирзомуддин додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи силсилаи ГО №8634, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур соли 2008 ба Шамшоди Нурмуҳаммад додааст эътибор надорад.

Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи 2-юми давлатии нотариалии ш.Душанбе 16 сентябри соли 1997 таҳти қайди 6Д-2486 бо суроғаи ш.Душанбе, кӯчаи Қосимов, бинои 5/4, ҳуҷраи 54 ба Бобиев Муродбег Давлатбегович додааст, эътибор надорад.

Дипломи гумшудаи ТСИ №0018385, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов соли 2003 ба Саидов Садирмаҳмад Азизович додааст, эътибор надорад.

Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Марказӣ (ҳоло ноҳияи Фирдавсӣ) 19 ноябри соли 2011 таҳти феҳрасти №6Д-28/4 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ 30, ҳуҷраи 8 ба Набиева Саидмо Ёрмуродовна додааст, эътибор надорад.

Патенти гумшудаи №0154456, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён соли 2011 ба Эгамбердиев Ашуралӣ Худойбердиевич додааст, эътибор надорад.

Номаи камоли гумшудаи силсилаи А №245883, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Москва (ҳозира Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) соли 1989 ба Бобоева Зулфинисо Рустамовна додааст, эътибор надорад.

Раёсати Ҷамъияти «Дониш»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узви фаъоли Ҷамъияти ҷумҳуриявии «Дониш», муовини аввали вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои физика, профессор Раҳимов Фарҳод Қодирович нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ менамояд ва ба пайвандони марҳум аз даргоҳи Худованди карим сабри ҷамил хоҳонанд.

Садои мардум
Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун
САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ
«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852
ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов
Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.
НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru
Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз
Ба чопаш 10 апрели соли 2012, соати 16.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26794 нусха
Навбатдори шумора Б. Каримов
Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова